«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент
_______________ Сатторзода Б. А.
«30» __________ соли 2025

**ТАҚРИЗ**
**ба диссертатсияи Шоҳзода Назира Изатулло дар мавзуи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050704 - ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва соҳаи илми эълоншуда.**

Диссертатсияи Шоҳзода Назира Изатулло дар мавзуи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ» ба қисмҳо ва бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 6D050700 - Менеҷмент (6D050704 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мувофиқат мекунад, аз ҷумла, бандҳои: 2. Моҳият, сохтор ва хусусиятҳои фарққунандаи идоракунии низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити ҷаҳонишавӣ, рушди ҳамкориҳо ва бизнеси байналмилалӣ. 3. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Идоракунии давлатии низоми андоз, гумрук ва комплекси иқтисоди хориҷӣ. Идоракунӣ дар бахши давлатии иқтисодиёт, шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии амволи давлатӣ. Лоиҳакашӣ, таҳияи методҳо ва афзорҳои ташкили истеҳсоли маҳсулоти иҷтимоӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар иқтисодиёти бахши давлатӣ. 5. Идоракунии низомҳои иқтисодӣ, методҳо (принсипҳо), шаклҳо ва механизмҳои амалисозии он. Механизмҳои ниҳодии идоракунии низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ. Идоракунии тағйирот дар низомҳои иқтисодӣ. 8. Ҷанбаҳои методӣ ва методологии арзёбии самаранокии идоракунии низоми иҷтимоию иқтисодӣ. Ташкил ва идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии ташкилот. 16. Идоракунӣ дар низомҳои депрессивии иҷтимоию иқтисодӣ (ҳудудҳо, минтақаҳо, комплексҳо). 17. Инкишоф ва такмили механизмҳои ниҳодии идоракунии низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ. Идоракунии сармояҳои молиявӣ. Идоракунии фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ. Таҳия ва такмили механизмҳои идоракунии низоми андоз ва гумруки кишвар. Рушд ва такмили идоракунии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, комплекси тиҷорати хориҷии кишвар ва минтақаҳои он мутобиқ мебошад.

**Мубрамӣ ва зарурияти баргузории таҳқиқот.**

Сармоягузории хориҷӣ яке аз сарчашмаҳои муҳимтарини рушди иқтисодӣ барои кишварҳои рӯ ба рушд ба ҳисоб меравад, зеро он норасоии захираҳои дохилии молиявиро ҷуброн намуда, имкони татбиқи лоиҳаҳои бузурги истеҳсолӣ, инфрасохторӣ ва иҷтимоиро фароҳам меорад. Бо ҷалби чунин сармоя, технологияҳои нав, таҷрибаи пешрафтаи идоракунӣ ва усулҳои муосири истеҳсол ворид мегарданд, ки ин ба баланд шудани самаранокии иқтисод мусоидат мекунад. Илова бар ин, сармоягузории хориҷӣ ҷойҳои нави корӣ эҷод намуда, сатҳи зиндагии аҳолиро беҳтар мекунад ва ба рушди устувор замина мегузорад. Дар натиҷа, иқтисоди миллӣ бештар ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ҳамгиро шуда, робитаҳои савдо ва ҳамкории байналмилалӣ густариш меёбанд.

Дар ин замина муаллиф ба он ақидааст, ки барои расидан ба низоми устувори ҳимояи кафолатнок, дастрасӣ ба иқтисодиёти рушдёфта, давлат ва ҷомеаро мебояд ба мукаммалгардонии таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуд.

Мубрам будани мавзуи диссертатсионии Шоҳзода Н.И дар он ифода ёфтааст, ки зарурат ва аҳамияти масъалаҳои таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар иқтисодиёти миллӣ баррасӣ намуда, ҳамзамон, зарурати таҳқиқоти илмиву амалии мукаммалгардонии масъалаи мазкурро дар даврони муосир баён менамояд.

Ба андешаи муаллиф дар шароити муосир, ки масъалаи таъмини рушди устувор ва ҳифзи муҳити зист ба яке аз афзалиятҳои сиёсати давлатӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст, самти хизматрасониҳои экологӣ ҳамчун бахши муҳимми инфрасохтори инкишофёбанда мавқеи стратегӣ касб менамояд.

Бо вуҷуди мавҷудияти имкониятҳои воқеӣ барои рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ, идоракунии самараноки сармоягузориҳои хориҷӣ бо як қатор мушкилоти мураккаби ташкилӣ, ҳуқуқӣ, институтсионалӣ, иқтисодӣ ва маърифатӣ рӯ ба рӯ мебошад. Аз ҷумла, номукаммалии механизми идоракунӣ, набудани воситаҳои муассири арзёбӣ ва мониторинг, паст будани сатҳи ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ ва набудани шаклҳои муосири ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ монеаи рушди самараноки хизматрасониҳои экологӣ мегарданд.

Дар ин замина, дар сатҳи рисолаи диссертатсионӣ гузаронидани таҳқиқи назариявию методологии идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ, арзёбии вазъи амалии ҷалб ва истифодаи онҳо дар Тоҷикистон, омӯзиши таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои такмили механизмҳои идоракунӣ дорои аҳамияти илмию амалӣ ва амалию стратегӣ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Ҳамаи давраҳои иҷрои нақшаи кории илмӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бевосита аз ҷониби муаллиф анҷом дода шудааст. Муаллиф доир ба такмили

механизмҳои таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ва роҳҳои ташкилию мукаммалсозии равандҳои сармоягузорӣ мустақилона тавсияҳои илмӣ ва методӣ пешниҳод намудааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), кн барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда додан мумкин аст.**

Навгонии илмӣ дар он ифода меёбад, ки дар шароити иқтисодиёти бозории ҶТ асосноккунии назариявӣ, методологӣ ва амалии таъмини идоракунии самараноки истифодаи сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ба таври комплексӣ таҳия ва пешниҳод шудааст, ки дар он хусусиятҳои ташаккул, механизми идоракунӣ, шаклҳои танзими давлатӣ, воситаҳои ҳавасмандгардонӣ, модели ҳамкории ташкилию иқтисодӣ ва самтҳои афзалиятноки низоми хизматрасониҳои экологӣ дар асоси омӯхтани таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ ва хусусиятҳои миллии ҶТ муайян гардида, усулҳои амалии баланд бардоштани самаранокии идоракунии сармоягузории хориҷӣ ва таҳкими муҳити институтсионалии экологии кишвар пешниҳод карда шудаанд.

1. Муаллиф ҷанбаҳои назариявии идоракунии самараноки сармоягузории хориҷӣ дар рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ баррасӣ намудааст. Таҳқиқи категорияҳои «сармоягузорӣ», «сармоягузории хориҷӣ» ва «хизматрасониҳои экологӣ» ҳамчун объекти идоракунӣ дар рисола муайян карда шуданд. Муайян намудани чунин категорияҳо барои рушди илми иқтисодиёт (дар самти менеҷмент) ва татбиқи онҳо дар амалия (истифодаи онҳо дар шартномаҳо, созишномаҳо, лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) аҳамияти муҳим дорад.

2. Таҷрибаи байналмилалии ҷалб ва идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ва асоснок карда шудааст. Муаллиф бо дарназардошти таҷрибаи ИМА, Олмон ва Сингапур вариантҳои имконпазирро коркард намуда, тавонист моделҳои мушаххаси дастгирии давлатӣ, имтиёзҳои андозӣ, шарикии давлатӣ-хусусӣ ва истифодаи технологияи нав барои шароити Тоҷикистон мутобиқ гардонидан, асоснок намояд. Таҷрибаи байналмилалии дар сатҳи диссертатсия овардашуда нишон медиҳад, ки барои ҷалби муваффақонаи сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи хизматрасониҳои экологӣ ва идоракунии самраноки он пеш аз ҳама муҳити ҳуқуқии устувор, механизмҳои шарикӣ, дастгирии давлатӣ, истифодаи инноватсияҳо ва ҳавасмандсозии сармоягузорон аҳамияти хоса доранд. Чунин таҷриба метавонад барои кишварҳое, ки мехоҳанд низоми идоракунии хизматрасониҳои экологиро тавассути сармояи хориҷӣ рушд диҳанд, аз ҷумла ҶТ, намунаи хуб мебошад. Бо вуҷуди он ки таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор дорад, равандҳои

ҳамкории байналмилалӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак бо созмонҳои молиявии байналмилалӣ заминаи васеъшавии имкониятҳоро фароҳам меоранд.

3. Сатҳи ҷалб ва самаранокии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологии Тоҷикистон муайян гардидааст. Муаллиф барои таъмини самаранокии иштироки он маҷмӯи чораҳои низомнок ва мақсаднок асоснок ва пешниҳод намудааст. Бо дарназардошти маълумоти воқеии солҳои 2022–2025 ва раванди афзоиши тадриҷии маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои экологӣ барои солҳои 2026–2030 пешгӯии эҳтимолии ҷалби сармояи хориҷӣ ба низоми хизматрасониҳои экологӣ пешниҳод шудааст.

4. Такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ вобаста ба омилҳои такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, рушди инфрасохтори махсуси сармоягузории экологӣ, механизмҳои иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонӣ, такмили ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва сармоягузорони хориҷӣ, мониторинг, арзёбӣ ва идоракунии хавфҳо баррасӣ гардида, дар самти идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ тавсияҳои илман асоснок пешниҳод гардидаанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар таҳияи асосҳои назариявии коркарди низоми донишҳои мавҷуда оид ба масъалаҳои таъмини самаранокии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ифода меёбад. Инчунин натиҷаҳои таҳлил ба пайдоиши тасаввурот оид ба идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ мусоидат намуда, барои таҳқиқоти баъдӣ дар ин соҳа замина мегузоранд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳо дар он аст, ки: татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ метавонад барои ташаккули стратегияи самарабахш оид ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар давраҳои шомилшавии иқтисодиёти ҶТ бо низоми иқтисодии ҷаҳонӣ муфид бошад. Инчунин, тавсияҳо ва пешниҳодҳои кор дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҷараёни ташаккули механизмҳои идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, ҳамзамон дар коркарди барномаҳои бахши муҳити зист истифода хоҳанд шуд. Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни таълими фанҳои “Менеҷмент”, “Фаъолияти сармоягузорӣ”, “Сармоягузории хориҷӣ”, “Ҳуқуқи сармоягузорӣ”, “Менеҷменти молиявӣ” ва ғайра истифода шавад.

**Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқарраноти илмӣ ва хулосаву пешниҳодот.**

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки зимни таҳқиқот асарҳои бунёдии олимони иқтисоддони ватанию хориҷӣ дар соҳаи идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ, дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ва фаъолияти хоҷагидории кишвар истифода шудаанд. Дар раванди таҳқиқоти

диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил ба таври васеъ истифода гардида, хулосаву пешниҳодҳо дар заминаи ҷамъоварии мавод, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотии муосир ба даст омадаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ менамоянд.

**Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.**

**Дар муқаддима** мубрам будани рисолаи илмӣ асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи кор, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисолаи илмӣ муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори рисолаи илмӣ пешбинӣ гардидааст (саҳ. 4-16).

**Дар боби якум "Асосҳои назариявии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ"** масъалаҳои таҳлили назариявии категорияҳои асосии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ва механизмҳо, принсипҳо ва инчунин методҳои ташкилӣ - иқтисодии идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ баррасӣ гардидаанд. Дар боби мазкур инчунин масъалаҳои таҷрибаи байналмилалии ҷалб ва идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст (саҳ.16-86 ).

Дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф қайд гардидааст, ки ҷалб ва идоракунии сармояи хориҷӣ барои низоми хизматрасониҳои экологӣ дар шароити муосир ба яке аз самтҳои асосии сиёсати сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мубаддал гардида, ин раванд, пеш аз ҳама, бо вазъи мураккаби экологӣ ва зарурати ворид кардани технологияҳои муосир ҷиҳати коҳиш додани таъсири манфии фаъолияти инсон ба муҳити зист ва барқарорсозии тавозуни экологӣ алоқаманд мебошад. Ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисоди ҷаҳонӣ, ки бо суръати баланд рушд мекунад, барои ҶТ на танҳо хатарҳо, балки имкониятҳои воқеии ҷалби сармоягузории хориҷиро ба миён меорад, ки онро бояд ба таври ҳадафмандона дар самти беҳбуд ва рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ истифода кард (саҳ.16).

Муаллиф ба он ақидаест, ки мафҳум ва сохтори ин механизм дар таҳқиқоти олимони муосир ба таври назаррас таҳлилу баррасӣ шуда, аксар вақт ҳамчун системаи мутақобилан вобаста аз усулҳо ва воситаҳо инъикос мегардад, ки мақсади асосиаш баланд бардоштани самаранокии ҷалб ва истифодаи сармоягузории хориҷӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ мебошад.

Идоракунии раванди ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҳамчун низоми муназзами мақсадноки фаъолияти субъектҳои давлатӣ ва хусусӣ мебошад, ки ба воситаи принсипҳо, усулҳо, механизмҳо, воситаҳо ва қарорҳои идорӣ барои ташкили шароити мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва институтсионалӣ ҷиҳати ҷалб, ҳимоя ва самаранок истифода бурдани сармояи хориҷӣ дар соҳаҳои алоҳидаи

иқтисодиёт, махсусан дар соҳаҳои дорои аҳамияти стратегӣ, амалӣ гардад (саҳ.38).

Дар диссертатсия зикр шудааст, ки механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти сармоягузорӣ, ки имрӯз ташаккул ёфтааст, бояд татбиқи самараноки стратегияи сармоягузориро таъмин намояд. Он инчунин бояд мутавозин бошад ва тамоми марҳилаҳои сиёсати сармоягузориро фаро гирад. Дар шароити маҳдуд будани манбаъҳои дохилии маблағгузорӣ, иқтисоди ҶТ ба ҷалби сармояи хориҷӣ ниёзманд мебошад, зеро воридоти сармоя ҳамчун яке аз абзорҳои асосии таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ амал карда, имкони тақвияти бахшҳои содиротӣ, навсозии асосҳои моддию техникӣ ва таҷҳизоти технологӣ, ҳамчунин татбиқи ҳалли инноватсионӣ ва экологӣ дар истеҳсолотро фароҳам меорад. (саҳ 63).

Равандҳои асосии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми низоми хизматрасониҳои экологӣ, аз қабили таҳлили муҳити сармоягузорӣ ва муайянсозии афзалиятҳо, тарҳрезии сиёсати сармоягузорӣ ва заминаи ҳуқуқӣ, ҷалби сармоя ва муаррифии имкониятҳо, таҳия ва баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, муҳокима, қарордод ва ҷалби сармоя, мудирияти амалӣ ва мониторинги лоиҳа, арзёбӣ ва такмилдиҳӣ муайян ва таҳлил карда шуданд. Ҳамчунин, дар сатҳи диссертатсия системаи ягонаи идоракунии давлатии равандҳои сармоягузорӣ пешниҳод крада шудааст (саҳ.84).

**Дар боби дуюм “Таҳлили низоми идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар Тоҷикистон”** доир ба динамикаи сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон ва низоми хизматрасониҳои экологии он дар шароити муосир ва таъмини самаранокии иштироки сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ маълумот оварда шудааст. Инчунин дар ин боб монеаҳо ва мушкилотҳо дар идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст (саҳ.86-135).

Муаллиф воқеъбинона зикр менамояд, ки дар самти рушди инфрасохтори иқтисодӣ ва сармоягузорӣ муҳим аст, ки диққати аввалиндараҷа ба ҷалби сармоя ба инфрасохтори нақлиётӣ, энергетикӣ, коммуникатсионӣ ва бахусус инфрасохтори хизматрасониҳои экологӣ равона гардад, зеро маҳз ин самтҳо заминаи асосии рушди устуворро фароҳам меоранд. Дар ин замина, дастгирии лоиҳаҳои марбут ба энергетикаи барқароршаванда, аз ҷумла нерӯгоҳҳои хурди обӣ, офтобӣ ва бодӣ, аҳамияти калидӣ дошта, метавонад ба коҳиши вобастагӣ аз манбаъҳои анъанавии энергия ва ҳамзамон ба ҳифзи муҳити зист мусоидат намояд. Илова бар ин, ташкили марказҳои иттилоотӣ ва машваратӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар шароити мусоид барои баланд бардоштани огоҳии сармоягузорон, дастгирии амалӣ ва тақвияти ҳамкориҳои давлатӣ-хусусиро фароҳам меорад (саҳ 123).

Дар диссертатсия зикр шудааст, ки Барои расидан ба ин ҳадаф зарур аст, ки сиёсати давлатии равшан ва дурнагарона татбиқ гардад, муҳити ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ такмил ёбад, ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ фаъолона амалӣ шавад, ҳамкории байналмилалӣ густариш ёбад, тадқиқоти илмӣ ва инноватсионӣ

дастгирӣ гардад ва сатҳи маърифати экологӣ ҳам дар миёни аҳолӣ ва ҳам дар байни соҳибкорон боло бурда шавад. Танҳо дар чунин шароит низоми хизматрасониҳои экологӣ дар Тоҷикистон метавонад ба бахши фаъоли иқтисоди сабз табдил ёфта, на танҳо ба беҳбуди вазъи муҳити зист, балки ба рушди иқтисодӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намояд.

Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳлили вазъи кунунии низоми хизматрасониҳои экологӣ, омилҳои таъсиррасон ва арзёбии сифати хизматрасониҳо, метавон хулоса кард, ки ин низом ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор дорад. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ бояд ба самтҳои асосии такмили механизми рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ равона карда шавад (саҳ.114-115).

Нуктаи назари муаллиф боиси қайд аст, ки мушкилоти ҷалб ва идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар ҶТ, бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодии кишвар, метавонад ба омилҳои мухталифи иқтисодӣ, сиёсӣ ва инфрасохторӣ алоқаманд бошад. Ҷалби сармояи хориҷӣ, махсусан ба соҳаҳои муҳими иқтисодиву экологӣ, омили калидии таъмини рушди устувор, беҳбуд бахшидани муҳити зист ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ба шумор меравад. (саҳ.132).

**Дар боби сеюми кори диссертатсионӣ, ки "Самтҳои асосии таъмини самаранокии истифодаи сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дар Тоҷикистон"** номгузорӣ шудааст, самтҳои афзалиятноки рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии сармоягузории хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ баррасӣ шудааст. Инчунин дар ин боб масъалаҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузо-риҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ мавриди омузиш қарор дода шудааст.

Муҳаққиқ қайд менамояд, ки низоми хизматрасониҳои экологӣ ҳамчун як зершохаи низоми иқтисодӣ-иҷтимоӣ маҷмӯи муносибатҳои муташаккили истеҳсолӣ, тақсимотӣ, мубодилавӣ ва истеъмолиро дар бар мегирад, ки дар доираи он хадамоти дорои хусусияти экологӣ тавлид ва ба субъектҳои иқтисодӣ пешниҳод мешаванд, то талаботи онҳо дар самти ҳифз ва такмили муҳити зист қонеъ гардонида шавад. Мавҷудияти ин бозор бар пояи ҳадафи коҳиш додани таъсироти антропогенӣ ба муҳити зист, ҳифзи устувории экосистемаҳо ва таъмини истифодаи самараноку оқилонаи захираҳои табиӣ асос ёфтааст. (саҳ.135).

Ҳамчунин зикр гардидааст, ки рушди низоми хизматрасониҳои экологӣ дар Тоҷикистон на танҳо барои беҳтар кардани вазъи экологӣ, балки барои рушди иқтисодиёти кишвар низ муҳим аст. Барои расидан ба ин ҳадаф зарур аст, ки тадбирҳои муассир дар сатҳи сиёсати давлатӣ ва ҳамкории бахши хусусӣ амалӣ гарданд. Ин раванд метавонад шароитҳои нав барои таъсиси ҷойҳои корӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва нигоҳдории муҳити зисти солимро фароҳам оварад. Низоми хизматрасониҳои экологӣ метавонад яке аз самтҳои

афзалиятноки рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, агар монеаҳои мавҷуда бартараф гарданд (саҳ.148).

Дар шароити рушди босуръати иқтисоди ҷаҳонӣ ва афзоиши таъсири омилҳои экологӣ ба фаъолияти инсон, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба низоми хизматрасониҳои экологӣ аҳамияти хоса пайдо кардааст. Бо дарназардошти талаботи рӯзафзуни бозор ба ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳифзи муҳити зист, идоракунии самараноки чунин сармоягузориҳо на танҳо омили муҳими рушди устувори иқтисодӣ, балки шарти асосии татбиқи стратегияҳои миллии экологӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии кишвар ба ҳисоб меравад (саҳ,171-172).

**Дар хулоса,** хулосаҳои асосии назариявӣ ва тадбирҳои амалӣ пешниҳод карда шудаанд, ки расидан ба ҳадафи гузошташуда ва ҳалли вазифаҳои ин таҳқиқотро инъикос мекунанд (саҳ. 190-195).

Хулоса ва натиҷаҳои рисолаи илмии мазкур барои истифода ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (18 феврали соли 2025 таҳти №15-1-2/164) ва Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (аз 1 марти соли 2025 таҳти №62/25-1) пешниҳод гардидааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Тахассуси илмии Шоҳзода Назира Изатулло дар мавзуи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050704 - ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод гардидааст, мутобиқат мекунад.

**Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои кори диссератсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.**

Дар асоси маводи диссертатсия 21 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 11 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Сохтори диссертатсия дар асоси мақсаду вазифаҳои дар он гузошташуда муайян карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, феҳристи адабиёт иборат аст. Мазмуни асосии кор дар 220 саҳифаи чопи компютерӣ баён гардида, 24 ҷадвал ва 34 расмро бо иттилооти оморӣ ва муқоисавӣ дар бар гирифтааст.

**Эроду тавсияҳо доир ба диссератсия.**

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати диссертатсия дар он баъзе ҳолатҳои баҳснок ҷой дорад. Аз ҷумла:

1. Дар диссертатсия ҷадвалу расмҳои ҷолиб таҳрезӣ шудааст, аммо шарҳу тавзеҳи онҳо ба таври зарурӣ ба чашм намерасанд.
2. Дар кори диссертатсионӣ, агар сарчашмаҳои баъзе ҷадвалҳо низ дар шакли муқаррарӣ, (сноска) яъне бо истифода аз эзоҳи поёнӣ (поэзоҳ), нишон дода мешуданд, сатҳи илмият, аслият ва эътимоднокии таҳқиқот баландтар ба назар мерасид.
3. Дар зербоби 1.3., ки ба таҷрибаи ҷаҳонии муаммои баррасишаванда бахшида шудааст, диққати асоси ба ҷалби сармояи хориҷӣ равона гардидааст.

Агар дар ин зербоб маҳз ба масъалаҳои сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дода мешуд, сифати кор боз ҳам баландтар мегардид.

4. Агар пешгӯии баъзе нишондиҳандаҳои оморӣ дар боби сеюми диссертатсия ҷой дода мешуд, ин ба амиқтар шудани таҳлили илмӣ ва боло рафтани арзиши амалии таҳқикот мусоидат менамуд.

5. Шумораи зиёди ҷадвалҳо (25 адад) ва расмҳо (34 адад) дар кори диссертатсионӣ аз меъёрҳои қабулшуда барои чунин таҳқиқот зиёд мебошад. Ин нишон медиҳад, ки дар ҷараёни таҳқиқ моҳияти асосии масъалаи баррасишавандаро пурра муайян нагардида, диққат бештар ба ҷанбаҳои тасвирӣ равона шудааст, ки онро метавон ҳамчун камбуди методологӣ арзёбӣ намуд.

Бояд қайд намуд, ки нуқсону камбудиҳои ҷойдошта тавсиявӣ мебошанд ва ба мазуну мундариҷа, натиҷаи назариявӣ, методологию амалии диссертатсия таъсир намерасонад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсиоиии назди Президеити Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Кори диссертатсионии Шоҳзода Назира Изатулло дар мавзуи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – менеҷмент (6D050704 - ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст, ба талаботҳои бандҳои дахлдори Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба кори диссертатсионӣ ва сазовор донистан ба дараҷаи илмӣ.**

Кори диссертатсионии Шоҳзода Назира Изатулло кори мустақилона ба итмомрасондашуда, дорои унсурҳои навгонӣ ва арзишҳои илмию амалӣ мебошад ва барои дар амал тадбиқ намудани натиҷаҳои он барои такмили самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ ба манфиати ҷомае мебошад. Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ, фаҳмо ва бо риояи талаботи забони давлатӣ, ислоҳоти қабулшуда навишта шудаст.

Автореферат ва мақолаҳои чопшудаи довталаб ба мазмуни диссертатсия пурра мувофиқат мекунад. Маводи асосии дифоъ автореферат мебошад, ки ҷанбаҳои асосии мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамояд ва талаботҳои мавҷуда дар ин самт пурра риоя гардидаанд.

Диссертатсияи Шоҳзода Назира Изатулло дар мавзуи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – менеҷмент (6D050704 - ташкил ва

идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти муккамали анҷомёфта буда ва дастоварди назарраси илмӣ маҳсуб ёфта, ҷавобгӯи талаботҳои бандҳои 8, 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти №295 (№267 аз 30.06.2021) тасдиқ шудааст, мебошад. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он Шоҳзода Назира Изатулло дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 - менеҷмент (6D050704 - ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) дода шавад.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Содиқов Метархон Соқибекович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи менеҷмент муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №3, аз 28-уми октябри соли 2025).

Натиҷаи овоздиҳӣ: дар ҷаласаи кафедраи менеҷменти ДДМИТ иштирок доштанд: 11 нафар, аз он ҷумла бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 11 нафар.

Овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Хамидов А.Х.

Эксперт:
доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в профессори
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Содиқов М.С.

Котиби ҷаласа:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Назарамонова Д.М.

Имзои Хамидов А.Х., Содиков М.С
ва Назарамонова Д.М-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М. А.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Нахимов 64/4,
Телефон: +992 37 231 0843, E-mail: info@ tgfeu.tj. Сомона: info@tgfeu.tj